*Лоиҳа*

Дастурамал
Дар бораи идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ

Дастурамали мазкур мутобиқи қисми 5 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва моддаи 33 “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” таҳия шуда, тартиби идоракунии хавфҳоро ҳангоми фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои қарзӣ муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки бе розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистон ба саҳмияҳо ё вомбаргҳои ба сармоя алоқаманд, ки маблағашон дар маҷмӯъ аз даҳ фоизи сармояи танзимшаванда зиёд аст, сармоягузорӣ намояд.

2. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки бе розигии пешакии хаттии Бонки миллии Тоҷикистон саҳмияҳои ташкилоти қарзии дигарро харидорӣ намояд, ба ғайр аз саҳмияҳое, ки ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи анҷом додани амалиёти бонкӣ соҳиб шудааст.

3. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки бе гирифтани розигии пешакии хаттии Бонки миллии Тоҷикистон саҳмияҳои ширкати хориҷиро (ғайрирезидентро) харидорӣ намояд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ташкилоти қарзӣ чунин саҳмияҳоро дар натиҷаи анҷом додани амалиёти бонкӣ соҳиб шудааст.

## 2. ТАЛАБОТИ УМУМӢ НИСБАТ БА ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

4. Ташкилоти қарзие, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ машғул аст, уҳдадор аст сиёсати худро оид ба сармоягузорӣ ба шахсони ҳуқуқии дигар таҳия намояд, ки бояд муқаррароти Дастурамали мазкурро дар бар гирад.

5. Кумитаи идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ қоида ва тартиботи сармоягузориро таҳия менамояд, ки онҳо бо тартиби муқарраршуда аз тарафи Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешаванд.

6. Сиёсати сармоягузории ташкилоти қарзӣ аз тарафи Шӯрои нозирон тасдиқ карда шуда, он бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

а) намудҳои коғазҳои қиматнок, ки тибқи нақша ташкилоти қарзӣ ба онҳо сармоягузорӣ карданӣ аст (сармоягузории мустақим, сармоягузории ғайримустақим тавассути захираҳои саҳмиявӣ, вомбаргҳои қарзӣ ё коғазҳои қиматнок, воситаҳои қарзӣ ва саҳмиявӣ, сармоягузорӣ ба ширкатҳои мавҷуда ё нав таъсисёфта, ва ғайра).

б) Тартиб, оид ба:

- маҳдуд намудани хавфи таҷаммӯъ дар сандуқи коғазҳои қиматнок, ҳам тибқи эмитент ва ҳам тибқи соҳаҳои иқтисодиёт ва бо назардошти омилҳои ҷуғрофӣ ва бозорӣ;

- баҳогузорӣ намудани бехатарӣ ва сифати коғазҳои қиматноке, ки ба онҳо ташкилоти қарзӣ нақшаи сармоягузорӣ дорад ва махсусан, тартиби баҳо додан ба намудҳои фаъолияти тиҷоратӣ, ҳолати молиявӣ ва иқтидори идоракунии ширкатҳо, ки ба коғазҳои қиматноки он ташкилоти қарзӣ сармоягузорӣ кардани аст;

- баҳогузории шароити бозор, бо назардошти ҳадди имкон баланд бардоштани даромади сармоягузорӣ дар ҳолати фурӯши коғазҳои қиматноке, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ дастрас шудаанд;

- баҳогузории арзиши ҷории бозории коғазҳои қиматнок, махсусан он коғазҳои қиматноке, ки нисбат ба онҳо бозори фаъол вуҷуд надорад;

в) баҳогузории дохилии (рейтингии) хавфҳои бо сармоягузорӣ алоқаманд;

г) назорати дохилӣ, ки дар доираи фаъолияти сармоягузории ташкилоти қарзӣ татбиқ мегардад, аз ҷумла тартиби тасдиқи сармоягузорӣ, мониторинг, бознигарӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳуҷҷатгузории дуруст, бознигарии тасдиқи сармоягузорӣ, баҳодиҳӣ ва бегонакунӣ;

д) дастурамал оид ба муҳлати сармоягузорӣ ва муҳлати нигоҳдории он барои навъҳои гуногуни сармоягузорӣ, махсусан шартҳои умумии бегонакунии сармоягузориҳо (тавассути фурӯш, мубодила, интиқол ё бегонакунии дигар) бо мушаххасоти сатҳҳои тасдиқ аз тарафи раёсат ё Шӯрои нозирон, ки барои ин гуна бегонакунӣ зарур аст ва дастурамал оид ба бегонакунии сармоягузориҳои ғайриқолабӣ;

е) тартиби таъмини риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

ё) усулҳои ташкилоти қарзӣ оид ба ҷойгиркунии сармоя дар доираи хавфҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ дахлдошта бо назардошти андоза, дараҷаи мураккабӣ ва ҳолати молиявии ташкилоти қарзӣ;

ж) талаботи тахассуси касбии (ба монанди маълумот ва таҷрибаи касбӣ) шахсоне, ки фаъолияти сармоягузории ташкилоти қарзиро назорат ва иҷро менамоянд, махсусан таҷрибаи амалӣ дар соҳаи сармоягузорӣ;

з) агар ташкилоти қарзӣ нақшаи сармоягузорӣ ба шахсони ҳуқуқии ғайрирезидент дошта бошад, тартиб оид ба идоракунии хавфҳои хоси сармоягузориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла хавфҳои махсуси ба хароҷоти амалиётӣ, хавфи асъорӣ ва хавфи пардохтпазирӣ алоқаманд.

## 3. НИЗОМИ БАҲОДИҲИИ ДОХИЛӢ

7. Низоми баҳодиҳии дохилии хавфҳои сармоягузорӣ бояд ҳар сармоягузориро дар асоси ченакҳои зерин баҳогузорӣ намояд:

- хусусият ва фаъолияти тиҷоратии ширкати сармоягузоришаванда;
- иқтидори идоракунии ширкат;
- тамоюлҳои соҳа, муҳити тиҷоратӣ, ки дар он ширкат амал менамояд;
- ҳолати молиявии ширкат;
- натиҷаҳои фаъолияти ширкат;
- стратегияи баромадани эҳтимолӣ аз сармоягузорӣ;
- шароити бозор;

- омилҳои дигар, ки метавонанд аз тарафи Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ мувофиқ дониста шаванд.

## 4. САРМОЯГУЗОРӢ БА ФОНДҲОИ САРМОЯГУЗОРИ ХУСУСӢ

8. Баҳодиҳии сармоягузориҳои эҳтимолӣ ба фондҳои сармоягузори хусусӣ, инчунин бознигарии сармоягузориҳои мавҷуда дар ин гуна фондҳо, бояд баҳогузории мувофиқати сохтори фондҳо, аз ҷумла омилҳои зеринро дар бар гирад:

- хароҷоти идоракунӣ;
- даромад аз ҳиссаи иштирок, ки шарикони умумӣ ё мушовирони сармоягузорӣ ба даст овардаанд ва баҳисобгирии он дар маҷмӯъ;
- кифоятии сармояи шарикони умумӣ вобаста ба таъмини ҳавасмандкунии идоракунӣ;
- ҳама гуна ӯҳдадориҳои шартии шарикони умумӣ;
- сиёсати тақсимоти даромад ва тартиби қатъи фаъолияти фонд;
- нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолият ва усулҳои ҳисоб намудани даромаднокӣ.

## 5. САРМОЯГУЗОРИҲОИ КАЛОНҲАҶМ ДАР ҚИЁС БО САРМОЯИ ТАНЗИМШАВАНДА

9. Дар ҳолате, ки сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки эмитентҳо ё гурӯҳи эмитентҳои алоқаманд ба маблағи 5% сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ баробар ё аз он зиёд мешавад, сиёсати сармоягузорӣ барои таҳлили дахлдор бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

а) маблағи сармоягузории бонақшагирифтаи ташкилоти қарзӣ ба шахси ҳуқуқӣ (ҳам маблағи пулӣ, ҳам фоизи сармоя ё ҳуқуқҳои овоздиҳӣ, ки мустақим ё ғайримустақим ба моликияти ташкилоти қарзӣ мегузаранд ва фоизи сармояи ташкилоти қарзӣ, ки сармоягузориро ташкил менамояд);

б) фаъолияти ҷорӣ ё бонақшагирифташудаи шахси ҳуқуқӣ;

в) маълумоти молиявии зерин дар бораи шахси ҳуқуқӣ:

- ҳисоботҳои молиявӣ (ҳадди имкон, аз тафтиши аудит гузашта) барои се соли охир, агар мавҷуд бошад;
- ҳисоботҳои молиявӣ (ҳадди имкон, аз тафтиши аудит гузашта) барои ҳар соли молиявӣ аз санаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ, агар ин мӯҳлат аз се сол камтар бошад; ё
- ҳисоботҳои молиявии гипотезӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқии таъсисшаванда;

г) маълумот дар бораи мақомоти идоракунии шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла ному насаб ва таҷрибаи касбии ҳар узви Шӯрои нозирон ва раёсат (ё мақомоти ба онҳо баробар);

д) маълумот дар бораи ҳама гуна шахсоне, ки молики ҳиссаи иштироки афзалиятноки шахси ҳуқуқӣ мебошанд, аз ҷумла:

- номи ҳар як шахси ҳуқуқӣ ва фоизи ҳиссаи иштироки он дар шахси ҳуқуқи;
- ному насаб ва таҷрибаи касбии шахсони воқеӣ, ки молики ҳиссаи иштироки афзалиятноки шахси ҳуқуқӣ мебошанд;

- нисбат ба шахсони ҳуқуқие, ки молики ҳиссаи иштироки афзалиятноки шахси ҳуқуқӣ мебошанд, намуди тиҷорат, ки аз тарафи ин гуна шахсон иҷро мешавад;

- нисбат ба шахсони ҳуқуқие, ки молики ҳиссаи иштироки афзалиятноки шахси ҳуқуқӣ мебошанд, маълумот оид ба фаъолияти пешбарандаи он ва маълумот оид ба ҳар як узви Шӯрои нозирон ва кормандони роҳбарикунандаи шахси ҳуқуқӣ;

е) маълумот дар бораи ҳама гуна чораҳои ҳуқуқие, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти судӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар тӯли панҷ соли охир татбик карда шудааст;

ё) тартибе, ки тибқи он ташкилоти қарзӣ дурустии сармоягузориро бо назардошти имконияти молиявӣ, идоракунии ширкат ва мавқеи он дар соҳаи тиҷорат баҳо медиҳад.

## 6. ШИРКАТҲОИ ФАРЪИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

10. Агар дар натиҷаи сармоягузории ташкилоти қарзӣ шахси ҳуқуқӣ ба ширкати фаръии ташкилоти қарзӣ табдил ёбад, сиёсат дар илова ба маълумотҳои дар банди 9 Дастурамали мазкур пешбинишуда, инчунин маълумотҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- нисбат ба ҳар як узви Шӯрои нозирон ва кормандони роҳбарикунандаи (ё мақомоти ба он баробари) ширкати фаръӣ ё шахсони ба ин вазифаҳо пешниҳодшуда, маълумоти тасдиқкунанда дар бораи он ки шахсони мазкур аз нигоҳи касби босалоҳият ва боэътимод мебошанд;

- тартиби таҳияшуда оид ба назорати хавфҳои ташкилоти қарзӣ, ки аз молики ширкати фаръӣ шудан ва дар алоҳидаги идора кардани ширкати фаръии мазкур бармеояд;

- тартиби таҳияшуда оид ба таъмини он ки ба ташкилоти қарзӣ ё пасандоздорони он дар натиҷаи фаъолияти ширкати фаръӣ зарар расонида намешавад.

## 7. МОНИТОРИНГ, БОЗНИГАРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

11. Сиёсат бояд имконияти пешниҳоди натиҷаҳои ҳармоҳаи мониторингро ба раёсат ва Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ таъмин намояд.

12. Сиёсат бояд имконияти бознигарии мунтазам ва саривақти сармоягузориҳои ташкилоти қарзиро ҳам дар сатҳи сармоягузориҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи санудқи сармоягузорӣ таъмин намояд. Вобаста аз андоза, дарачаи мураккабӣ ва намуди хавфи сармоягузорӣ, бознигарӣ бояд маълумоти зеринро дарбар гирад:

- таърихи сармоягузорӣ, аз ҷумла маблағи умумии барои сармоягузорӣ тасдиқшуда;

- маблағи ӯҳдадорӣ, маблағи сармоягузорӣ бо пули накд, хароҷот, арзиши тавозунии сармоягузорӣ, гардиши воситаҳои пулии сармоягузории асосӣ ва маълумоти иловагӣ, аз ҷумла тартиб ва усулҳои арзёбӣ;

- ҳиссаи воқеии ҷории сармоягузории ташкилоти қарзӣ дар ҳар ширкат ё фонди сармоягузоришаванда;

- хулоса оид ба ҳама гуна ҳодисаҳи назарраси пешина ва назари ҷорӣ нисбат ба

ширкати сармоягузоришаванда;

- самаранокии фаъолияти молиявии пешинаи ширкатҳо ё фондҳои сармоягузоришаванда, аз ҷумла нишондиҳандаҳои қолиби самаранокии фаъолият ва пешгӯиҳо, натиҷаҳои таърихии молиявӣ, нақшаҳои ҷорӣ ва оянда, нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолият ва дигар ҷузъҳои муносиб;

- таҳлили таҷҷамуъи саноатӣ, соҳавӣ, ҷуғрофӣ ва омилҳои муносиби дигар;

- таҳлили тағйироти даромаду хароҷот аз амалиёти сармоягузорӣ, бо назардошти динамикаи бозор нисбати воситаҳо;

- хароҷот, арзишҳои тавозунӣ, арзишҳои одилонаи ҳисобшуда, тахфифҳои арзиш ва омилҳои дигар, ки ҳолати сармоягузории алоҳидаро нишон медиҳанд;

- арзёбии ҳар сармоягузорӣ ва сандуқи умумии сармоягузорӣ, аз ҷумла дурнамои асосӣ, ки дар доираи арзёбии сармоягузорӣ ва дурнамои самаранокии фаъолият истифода бурда шудаанд;

- баҳодиҳии дохилии хавфи сармоягузорӣ, аз ҷумла ҳама гуна тағйироти баҳо нисбати сармоягузорӣ ва сабабҳои он;

- барррасии ҳолатҳои беҳтарин, ҳолати бадтарин ва баҳодиҳии ҳолатҳои имконпазири самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ;

- стратегияи баромадан аз сармоягузорӣ, ҳам стратегияи асосӣ ва ҳам фавқуллода ва сатҳи даромади эҳтимолӣ пас аз баромадан аз сармоягузорӣ;

- ҳама гуна маълумоти дигар, ки аз тарафи Шӯрои нозирон барои баҳодиҳии дуруст, самаранокии фаъолият ва даромади эҳтимолӣ аз сармоягузорӣ мувофиқ дониста шудаанд;

- баҳогузории тағйироти шароитҳои бозор ва пешбиниҳои дигар, ки барои арзёбии сармоягузориҳо, аз ҷумла стратегияҳои баромади эҳтимолӣ ва фавқуллода истифода бурда мешаванд.

13. Воҳиди сохтории идоракунии хавфҳо бояд:

- мониторинги фаъолияти сармоягузории ташкилоти қарзиро бо назардошти талаботи Дастурамали мазкур гузаронад;

- ҳадди ақал як бор ҳар семоҳа таҳлили ҳаҷми сармоягузориро гузаронида, натиҷаҳои ин таҳлилро ба роҳбарият ва Шӯрои нозирон пешниҳод намояд.

## 8. НАШРИ МАЪЛУМОТ

14. Сиёсат бояд муқаррароторо оид ба нашри маълумот дар бораи сандуқи сармоягузории ташкилоти қарзӣ дар сомонаи расмии он, дар якҷоягӣ бо маълумоти зерин дар бар гирад:

- андозаи сандуқи сармоягузорӣ;

- намуд ва хусусиятҳои сармоягузорӣ;

- хароҷоти ибтидоӣ, арзиши тавозунӣ ва арзиши одилонаи сармоягузориҳо ва дар ҳолати ҷоиз муқоиса кардани арзиши саҳмияҳои ширкатҳо дар сандуқи сармоягузорӣ;

- усули баҳисобгирӣ ва азнавбаҳодиҳӣ, аз ҷумла амалияи таъсиррасонанда ба азнавбаҳодиҳӣ ва тағйирот ба он амалияҳо;

- даромади (хароҷот) азхудшуда, ки аз фурӯши сармоягузорӣ бармеояд ва

даромади (хароҷот) азхуднашуда; ва

- ғояҳо нисбат ба самаранокии фаъолияти имконпазири сармоягузориҳо таҳти шароитҳои дигари бозор.

## 9. ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРИЕ, КИ РОЗИГИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОНРО ТАЛАБ МЕКУНАД

15. Боби мазкур нисбат ба ташкилоти қарзие татбиқ мегардад, ки амалиёти зеринро иҷро менамояд:

- сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, ки дар маҷмӯъ ба маблағи зиёда аз 10% сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзиро ташкил медиҳад;

- харидории ҳиссаи иштирок дар ташкилоти қарзии дигар, бо истиснои ҳиссаи иштирок, ки дар натиҷаи амалиёти бонкӣ дастрас шудааст;

- харидории саҳмияҳои ширкати хориҷӣ (ғайрирезидент), ба ғайр аз саҳмияҳое, ки дар натиҷаи амалиётҳои бонкӣ ба даст оварда шудааст.

16. Ташкилоти дар банди 15 Дастурамали мазкур номбар шуда дархостро ба Бонки миллии Тоҷикистон бо дарҷи маълумоти зерин пешниҳод менамояд,:

- маълумот дар бораи сиёсати сармоягузории ташкилоти қарзӣ тибқи муқарраროти Дастурамали мазкур;

- маблағи пешниҳодшавандаи сармоягузории ташкилот ба коғазҳои қиматнок чун фоизи сармояи танзимшавандаи ташкилот;

- дар ҳолатҳои дар сархатҳои дуюм ва сеюми банди 15 Дастурамали мазкур пешбинишуда, номи ширкати сармоягузоришавандаи пешниҳодшуда ва маблағи пешниҳодшудаи сармоягузории ташкилоти қарзӣ ва мушаххасоти аҳдҳо.

17. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад маълумоти иловагиро, ки барои қабули қарор оид ба тасдиқ ё рад кардани дархости мазкур зарур аст, талаб намояд.

18. Бонки миллии Тоҷикистон дархости ташкилоти қарзиро дар асоси зерин баҳогузорӣ менамояд:

а) баҳодиҳии Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба сифати сиёсати сармоягузории ташкилоти қарзӣ;

б) дар ҳолати дар сархати якуми банди 15 Дастурамали мазкур муқарраршуда:

- маблағи пешниҳодшудаи сармоягузориҳои ташкилоти қарзӣ ба коғазҳои қиматнок чун фоизи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ;

- сатҳи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ, ки бояд ҳадди ақалл 1,25 баробари маблағи ҳадди ақалли сармояи танзимшавандаи аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршударо ташкил медиҳад ва баҳогузории Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба ин сармоя;

в) нисбат ба ҳолатҳои дар сархатҳои дуюм ва сеюми банди 15 Дастурамали мазкур муқарраршуда, баҳодиҳии он нисбат ба сифати сармоягузории пешниҳодшуда ва таъсири имконпазир ба устувории молиявии ташкилоти қарзӣ.

19. Дар асоси баррасии дархост Бонки миллии Тоҷикистон метавонад:

- дархостро тасдиқ намояд;

- дархостро дар асоси шартҳое, ки он барои ҳифзи манфиатҳои амонатгузорони ташкилоти қарзӣ муносиб меҳисобад, тасдиқ намояд;

- дархостро барои маблағ ё фоизи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ аз маблағ ва сармояи танзимшавандаи дархостшуда пасттар тасдиқ намояд;

- дархостро рад намояд.

20. Дар ҳолатҳои дар сархатҳои дуюм, сеюм ва чоруми банди 19 Дастурамали мазкур пешбинишуда Бонки миллии Тоҷикистон бояд дархостдиҳандаро ба таври хаттӣ нисбат ба сабабҳои қабули чунин қарор огоҳ намояд.

21. Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад розигии худро, ки тибқи банди 19 Дастурамали мазкур додааст бозхонд намояд, агар муайян намояд, ки:

- тасдиқи дархост дар асоси маълумоти бардурӯғ ё нодуруст дода шудааст;

- шароитҳое, ки дар асоси онҳо дархост тасдиқ карда шудааст, дигар қобили қабул нестанд.

22. Дар ҳолати бозхонди розигӣ (тасдиқи дархост), ташкилоти қарзӣ бояд дар андозаи имконпазир:

- сатҳи моликияти коғазҳои қиматноки сармоягузориро, тибқи усули аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муайяншуда то ба сатҳи аз 10% сармояи танзимшаванда пасттар намояд; ва/ё

- аз моликияти худ дар коғазҳои қиматноки сармоягузории ташкилоти қарзии дигар ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ даст кашида, онро ба шахсони бо ташкилоти қарзӣ алоқаманд набуда, дар тӯли мӯҳлати аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда, гузаронад.

23. Дар ҳолате, ки дар он ташкилоти қарзӣ дар рузи эътибор пайдо намудани Дастурамали мазкур молики сармоягузориҳои коғазҳои қиматнок мебошад, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад ба ин гуна ташкилоти қарзӣ мӯҳлати то як солро барои кам кардани ин гуна маблағ то ҳудудҳои Дастурамали мазкур муайяннамуда, муқаррар намояд. Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки то мутобиқ намудани маблағи сармоягузории худ ба ҳудудҳои Дастурамали мазкур муқарраркарда, сармоягузории нав анҷом диҳад.

24. Дар ҳолате, ки сармоягузории ташкилоти қарзӣ ба коғазҳои қиматнок ба ҳудудҳои Дастурамали мазкур мутобиқ мебошанд, аммо баъд аз муҳдудиятҳои муайяншуда зиёд мешаванд (масъалан, бинобар паст рафтани сатҳи сармояи танзимшавандаи ташкилот, якҷояшавӣ ё харидорӣ байни ду ё зиёда ширкатҳои сармоягузоришавандаи ғайриалоқаманд, тағйирёбии қурби асъор, ва ғайра), ташкилоти қарзӣ бояд фавран Бонки миллии Тоҷикистонро оид ба ин ҳодиса огоҳ намояд. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад вақти муайянро, ки дар тӯли он ташкилоти қарзӣ бояд ҳолати вайронкунии талаботи Дастурамали мазкурро бартараф намояд, таъин кунад.